# КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

## САВОЛҲОИ БАРРАСИШАВАНДА

**1. Коғазҳои қиматноки давлатӣ, векселҳои давлатӣ ва вомбарг чист?**
**Ҷавоб:** Коғазҳои қиматноки давлатӣ коғазҳои қиматноки қарзӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор карда мешаванд. Пардохти даврии фоизҳо, ки купон номида мешаванд, ба соҳиби коғази қиматнок тибқи муҳлатҳои дар Шартҳои махсуси эмиссия қайдшуда, ба анҷом расонида мешавад. Дар санаи пардохт соҳиби коғази қиматнок аз Вазорати молия маблағи асосӣ/номиналӣ мегирад. Фарқи байни нархи харид ва маблағи асосӣ даромади соҳибмулк мебошад.

**2. Коғазҳои қиматноки давлатӣ дар кадом шакл (коғази, электронӣ) интишор карда мешаванд?**
**Ҷавоб:** Коғазҳои қиматноки давлатӣ (аз он ҷумла, векселҳои хазинадорӣ) дар шакли ғайриматериализатсияшуда (электронӣ) интишор мешаванд. Онҳо дар шакли коғазӣ интишор намешаванд. Маълумоте, ки ҳуқуқи моликиятро тасдиқ менамояд дар шакли сабтҳо дар реестри электронии депозитарии таъиншуда нигоҳ дошта мешавад.

**3. Эмитенти коғазҳои қиматноки давлатӣ кист?**
**Ҷавоб:** Коғазҳои қиматноки давлатӣ (аз он ҷумла, векселҳои хазинадорӣ) аз ҷониби Вазорати молияи Тоҷикистон бароварда мешаванд.

4. **Мақсад аз барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ чист?**
**Ҷавоб:** Коғазҳои қиматноки давлатӣ тибқи қонуни буҷетӣ аз ҷониби парлумон тасдиқшуда барои маблағгузории хароҷоти давлатӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои муҳими инфрасохторӣ, ки рушди иқтисодии кишварро дастгирӣ мекунанд, бароварда мешаванд.

**5. Барои чӣ коғазҳои қиматноки давлатӣ барои сармоягузорӣ намудан афзалиятнок ба ҳисоб меараванд?**
**Ҷавоб:** Коғазҳои қиматноки давлатӣ хавфи камтари ҳамагуна сармоягузориро бо пули миллӣ доро буда, пардохтпазир мебошанд ва манфиати муносиби бозорро ба вуҷуд меоранд.

**6. Кадом хавфҳои ба сармоягузории коғазҳои қиматноки давлатӣ алоқаманд мавҷуданд?**
**Ҷавоб:** Арзиши вомбаргҳо бо тағйирёбии меъёрҳои фоизӣ иваз мешаванд. Дар ин робита, дар ҳолати афзоиш ёфтани меъёрҳои фоизӣ, арзиши бозории сармоягузории ман паст хоҳад шуд ва дар ҳолате агар ман онҳоро тавонам пеш аз мухлат ба фурӯш барорам, пас метавонам бо фоидаи камтар онҳоро фурӯшам. Аммо, дар ҳолати нигоҳ доштани коғази қиматнок то охири мӯҳлати пардохт, новобаста аз тағйир ёфтани меъёрҳои бозорӣ, ман даромади то харидории вомбарг интизордоштаамро ба даст меорам.

**7. Кӣ метавонад соҳиби коғази қиматноки давлатӣ бошад?**
**Ҷавоб:** Ҳар як шахси хоҳишманд метавонад, соҳиби коғазҳои қиматноки давлатӣ бошад, ки маҳдудият барои соҳибии он мавҷуд надорад, аз ҷумла барои шахсони воқеӣ.

**8. Коғазҳои қиматноки давлатӣ чӣ тавр ба фурӯш бароварда мешаванд?**
**Ҷавоб:** Коғазҳои қиматноки давлатӣ дар музоядаи аввалияи Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ (БФОМ) ба фурӯш бароварда мешаванд.

**9. Бозори аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа чист?**
**Ҷавоб:** Бозори аввалиндараҷа маконест, ки нахустин маротиба коғазҳои қиматноки давлатӣ пешниҳод ва интишор карда мешаванд. Бозори дуюмдараҷа маконест, ки соҳибони коғазҳои қиматноки қаблан интишоршуда бо ҳамдигар пеш аз мӯҳлати пардохти вомбаргҳо савдо мекунанд. Ташкили бозори дуюмдараҷа низ дар БФОМ амалӣ карда мешавад.

**10. Маълумот дар бораи музоядаҳои навбатиро аз куҷо дастрас намудан мумкин аст?**
**Ҷавоб:** Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаи расмии худ тақвими барориши навбатии коғазҳои қиматнокро нашр мекунад (https://moliya.tj/Documents/Index/104 ).

**11. Дар бозори аввалия баргузории музоядаҳо аз ҷониби кӣ амалӣ мегардад?**
**Ҷавоб:** Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ (БФОМ) - бозори муташаккилест, ки дар он музоядаҳои аввалияи коғазҳои қиматноки давлатӣ баргузор мегарданд.

**12. Кӣ метавонад дар музоядаи аввалия иштирок намояд?**
**Ҷавоб:** Аъзоҳои ваколатдори (бонкҳо ва брокерҳо) Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ метавонанд барои иштирок намудан дар музояда дархост пешниҳод кунанд.

**13. Сармоягузорон дар музояда чӣ гуна метавонанд иштирок намоянд?**
**Ҷавоб:** Дилхоҳ сармоягузор метавонад дар музояда тавассути иштирокчии ваколатдори (бонк ё брокер) Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ (БФОМ) иштирок намоянд.

**14. Фарқият байни дархостҳои рақобатпазир ва рақобатнопазир дар чист?**
**Ҷавоб:** Дархости рақобатпазир маънои онро дорад, ки Шумо ҳаҷми дархостшавандаи хариди худро пешниҳод менамоед ва даромаднокӣ/арзишро қайд менамоед. Дар ҳолати беҳтар будани арзиши пешниҳоднамудаи шумо нисбат ба пешниҳоди дигар иштироккунандагон, Шумо соҳиби бурди меъёрӣ мегардед.

Дархости рақобатнопазир дархостест, ки Шумо танҳо шумораи коғазҳои қиматнокро қайд менамоед, ки бо даромаднокии/арзиши миёнаи музояда

харидорӣ хоҳад шуд. Шумо бо дигар иштирокчиёни савдо рақобат нахоҳед кард ва бо арзиши миёна харидорӣ намуданро, қабул менамоед. Эҳтимоли зиёд аст, ки Шумо соҳиби бурди меъёрӣ хоҳед шуд.

**15. Аз кучо ман метавонам маълумотро вобаста ба натичаи музоядаҳои гузашта дастрас намоям?**
**Чавоб:** Вазорати молияи Чумхурии Точикистон натичаҳои музоядаро дар сомонаи расмии худ (https://moliya.tj/Documents/Index/105 ) нашр мекунад. Ҳамзамон, дастрасии чунин маълумотҳо дар сомонаи расмии Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ (БФОМ) метавон пайдо кард (https://case.com.tj/tj/sector-gcb/ ).

**16. Чӣ тавр ман метавонам аз қабул шудан ё нашудани дархости худ огоҳӣ пайдо намоям?**
**Чавоб:** Пас аз анчоми музояда бонк ё брокери хизматрасони шумо, ки чиҳати пешниҳоди дархост кӯмак намудааст, маълумоти дахлдорро унвонии Шумо манзур менамояд.

**17. Оё ман метавонам коғазҳои қиматнокро дар бозори дуюмдарача харидорӣ намоям?**
**Чавоб:** Бале, ин имконпазир аст. Бонк ё брокери интихобкардаи Шумо ба шумо кӯмак хоҳанд кард.

**18. Аз кучо ман метавонам вобаста ба дар бозори дуюмдарача чӣ қадар арзиш доштани коғазҳои қиматноки худ, маълумот дастрас намоям?**
**Чавоб:** Шумо метавонед дар биржа арзиши беҳтарини бозориро ба даст оред.

**19. Даромади коғазҳои қиматноки давлатӣ чист ва он чӣ гуна муайян карда мешавад?**
**Чавоб:** а. Пардохт аз рӯи фоизҳои бадастомадаи коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки купон номида мешаванд, дар фосилаҳои қаблан муайянгардида амалӣ карда мешавад. Меъёри купонҳо ҳангоми фурӯхта шудани коғазҳои қиматнок дар бозори аввалиндарача, эълон карда мешаванд.
б. Илова бар ин, дар ҳолате, агар Шумо коғазҳои қиматноки худро дар бозори дуюмдарача ба фурӯш бароред. Инчунин, Шумо метавонед афзоиши сармояро аз ҳисоби фарқияти байни арзиши пардохшудаи музоядаи аввалиндарача ва арзиши дар бозори дуюмдарача гирифташуда, ба даст оред.
в. Ҳангоми харидорӣ намудани коғазҳои қиматнок ва дар ҳолати нигоҳ доштани онҳо то санаи пардохт, Шумо метавонед дар асоси арзиши пардохтнамудаи худ, даромади умумии худро (якчо фоизҳо ва афзоиши сармоя) ҳисоб намоед, ки дар давоми мӯҳлати амали коғазҳои қиматнок ба даст хоҳед овард.

**20. Оё коғазҳои қиматноки давлатӣ андозбандӣ карда мешаванд?**
**Чавоб:** Коғазҳои қиматноки давлатӣ аз пардохти андоз озод мебошанд.